# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ ва соҳаи таҳқиқот.** Мавзуи диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ – «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳануз камтаҳқиқшудаи педагогика ва методикаи муосири таълими фанни забони тоҷикӣ бахшида шуда, ба ихтисоси илмии интихобгардида комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуъ** бо зарурати омӯзиши амиқи забони модарӣ, рушди фарҳанги нутқи насли наврас ва ворид намудани онҳо ба фазои муошрати иҷтимоию фарҳангӣ асоснок карда шудааст. Воҳидҳои *паремиологӣ ва фразеологии тоҷикӣ, ки аз осори манзуму мансури ниёгон* ва эҷодиёти бойи халқӣ таркиб ёфтааст, намунаи камоли суханварии ин миллати барҷаста буда, дар таърихи тамаддуни умумибашарӣ ҷойгоҳи шоиставу устувор касб кардааст. Ин воҳидҳои забон бо имкониятҳои худ аз дигар унсурҳои нутқ фарқ мекунанд ва на танҳо таркиби луғавиро ғанӣ месозанд, балки хонандаро бо тобишҳои маъноии ғайримаъмул ва маҷозии воҳидҳои луғавӣ ошно менамоянд.

Муҳаққиқ муваффақ шудааст, ки тобишҳои нави маъноии калимаҳоро дар матни китобҳои дарсӣ ошкор созад ва дар заминаи ин маводди таълимӣ хусусияти сермаъноӣ зоҳир кардани таъбирҳо, инчунин воҳидҳои паремиологиро ба таври системавӣ таҳлил намояд, тобишҳои маъноӣ ва усули ташаккули фарҳанги нутқи хонандагонро нишон диҳад. Ҳамчунин мавқеи таълими ҳадафмандонаи ин воҳидҳои забон дар такомули таркиби луғавии фаъоли хонандагон дар мисоли корбурди ҷолиб ва рамзии паремияҳо ба таври таҷрибавӣ исбот шудааст.

**Натиҷаҳои бадастомада** аз таҳқиқи мавзуъ барои равшан сохтани вежагиҳои забону услуби осори адабӣ ва нақши онҳо дар такомули таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим ва дидактикаи муосир заминаи устувор мегузоранд.

Автореферати мавриди тақриз аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Боби якум «Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ»** унвон дошта, омӯзиши фарҳанги нутқ ҳамчун маҷмуи меъёрҳо, қоида ва усули истифодаи забон дар раванди муошират арзёбӣ гаштааст. Дар ин боб таҳлили назариявӣ ва методологии асосҳои таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар чаҳор фасл сурат гирифтааст. Муаллиф тавонистааст, ки ҷанбаҳои назариявии таърихи омӯзиш ва фарқ кардани зарбулмасалу мақол ва фразеологизмҳоро ба таври равшан муайян намояд. Таносуби истилоҳи фарҳанги нутқ бо ҳусни баён, мантиқи калом, одоби муошират, дастурҳои грамматикӣ, интихоби дурусти вожаву иборот, услуби нутқ ва амсоли он бо мисолҳои фаровон шарҳ дода шудааст. Идроки мазмуну моҳият ва зебоиву дурустии воҳидҳои забон дар иртибот ба талаботи дидактикии китобҳои дарсӣ: инкишофи нутқи хонандагон, омӯзонидани грамматика ва саводнок кардани шогирдон тавсиф ёфтааст.

Дар **боби дуюм «Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** муаллиф усули ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагонро дар се фасли мушаххас баррасӣ менамояд. Дар боби зикршуда муаллиф ба масъалаи зарурати татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ руҷуъ намуда, мафҳумҳои фасоҳат ва балоғатро бо талаботи муосири омӯзиши забон ва усулҳои такмили захираи луғавии хонандагон ба таври мантиқӣ пайваст намудааст. Ҳамчунин таълими забон ва адабиёти тоҷикро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тарбияи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии паремия ва фразеологизмҳо, ки тарзи фикрронӣ ва муносибати маърифатии хонандаро ташаккул ва тақвият мебахшад, муҳим шуморидааст. Дар робита ба муносибати босалоҳият ба таълим омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ хонандаро водор месозад, ки дар бораи мантиқи он фикр кунад, маъниҳои ниҳонӣ, иртиботи маъно ва паёмҳои ахлоқиро дарк намояд.

Номи **боби сеюми** диссертатсия **«Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси Стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** буда, докторант истифодаи машқҳои шавқангез, ба монанди муайян

намудани воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар услубҳои гуногун, тағйири мавқеи онҳо дар матн, иҷрои нақшҳо, такмили ҷумлаҳо, иваз кардани ибораҳои озод бо воҳидҳои фразеологиро дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зарур донистааст. Ин машқу супоришҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки мазмуну маънои амиқи фразеологизмҳоро дар матнҳои гуногун дарк кунанд ва малакаи интихоби дурусти онҳоро вобаста ба вазъи нутқ инкишоф диҳанд. Бо ин роҳ тафаккури таҳлилии шогирдон фаъол мегардад ва имкон медиҳад, ки дониши назариявии худро дар амал татбиқ созанд.

**Боби чаҳорум «Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** унвон дорад. Дар ин боб хусусиятҳои дидактикии воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва роҳҳои инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар раванди таълими ин воҳидҳои забон баррасӣ гашта, марҳилаҳои рушди фарҳанги нутқ - аз шинохт, дарки мазмун, фарқ кардани маънои маҷозӣ, таҳлили сохторӣ, интихоби саҳеҳ ва истифодаи эҷодӣ дар матнҳои мустақил (эссе, иншо, муколама ва суханрониҳо) муайян карда шудааст. Ҳамчунин нақши машғулиятҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳои адабӣ дар таҳкими малакаҳои суханварии хонандагон ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Боби панҷум – «Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** ба таҳқиқи таҷрибавӣ ва санҷиши амалии фарзияи илмӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо ҷалби шумораи муайяни хонандагон, омӯзгорон ва волидон таҷрибаи педагогиро ташкил карда, натиҷаҳои бадастомадаро бо методи оморӣ таҳлил намудааст. Нишондиҳандаҳои муқоисавии гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ бартарии усули пешниҳодкардаи муаллифро бо далелҳои мушаххас собит месозанд. Ҷамъбасти натиҷаҳои омории озмоишҳои муқарраркунанда ва таълимӣ барои равшан нишон додани пойгоҳи таҷрибавӣ дар шакли ҷадвалҳо мувофиқи талаботи нави КОА оварда шудааст.

Дар анҷоми диссертатсия **хулосаҳои муҳаққиқ** ба таври мушаххас ва нуктасанҷона дар 15 банд бо пешниҳоди илмиву методии ҷолиб ва арзишманд пешкаш гаштааст. Ҳамзамон дар фароварди хулосаҳои илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқоти анҷомпазируфта тавсияҳои муфид ироа намудааст.

Мушоҳидаи автореферати диссертатсия, ки фарогири муҳассаноти зиёд аст, баъзе **норасоиҳои ҷузъӣ** низ дорад:

1. Дар баъзе саҳифаҳо шарҳи намунаҳо ба таври нисбатан зиёдтар сурат гирифтааст.

2. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 17, 35) дар автореферат роҳ ёфтаанд.

Сарфи назар аз камбудиҳои зикршуда диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳқиқоти мукаммал, ҳадафманд ва пуразишест, ки ба ҳалли масъалаи муҳимми методикаи таълими забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф доираи васеи маводди забониро ҷамъоварӣ ва тасниф намуда, тасдиқи амалии эътимоднокии натиҷаҳоро тавассути чопи мақолаҳо ва дастурҳои методӣ таъмин кардааст. Мақолаҳои интишорёфтаи муҳаққиқ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва унвонҷӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забон[illegible] мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Хоҷаева М.Ҷ.

**Суроға:**
*735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 8. маҳаллаи Темурмалик. Тел.: (+992) (3422) 588 55; E-mail: rtsosh-khujand@mail.ru*

«Имзои М.Ҷ.Ходжаева-ро тасдиқ мекунам.
Мутахассис оид ба кадрҳои Муассисаи давлатии буҷетии
таҳсилоти умумии Россия –Тоҷикистон “Мактаби миёнаи умумӣ
бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар ш.Хуҷанд ба номи А.П.Чехов”
Норматова М.А.

«04» 11 2026